# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзӯи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Комиссияи ташхисӣ назди Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия **И.Файзиев**- доктори илмҳои педагогӣ, профессор; аъзоён **Ш.Шаропов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **А.Азизов** -доктори илмҳои педагогӣ, профессор оид ба қабул намудани диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзӯи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Мавзӯи интихоб намудаи Раҳимов Ҷ.Х. таҳти унвони “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” яке аз мавзӯъҳои мубрам ҳисобидан мумкин аст, зеро дар шароити имрӯзаи рушди таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосӣ тарбияи шахсияти дорои ҷаҳонбинии томи илмӣ, мутахассиси соҳибмаълумот ва зудамале мебошад, ки барои ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва азхудкунии маҳорати амалӣ мустақилона кушиш менамояд.

Яке аз мушкилоти мубрами навсозии мундариҷаи таълими ибтидоӣ ин баркарор намудани робитаи байнифаннӣ бо мақсади дарки тому яклухтии муҳити иҳотакардаи хурдсолон ва дар ин замина навсозии мундариҷаи таълим дар соҳаи илмҳои табиию риёзӣ аст. Бо назардошти аҳамияти ин муаммо ва тақвият бахшидан ба нерӯи зеҳнии ҷомеа Ҳукумати мамлакат солҳои 2020 – 2040-ро бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар

соҳаи илму маориф эълон намуд, ки ҳадаф ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди тафаккури техникиву шавқи маърифатии хонандагону ҷавонон, дарки илмии ҳодисаву воқеоти муҳити иҳотакардаи инсон ва пайванди илм бо муҳити иҳотагардида ва истеҳсолот аст. Ҷиҳати амалисозии ин иқдом ҳамасола гузаронидани озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» ба ҳукми анъана даромадааст, ки мақсади ҷалб намудани эътибори ҷомеа, алалхусус наврасону ҷавонон ба омӯзиши илмҳои табиию риёзиро дорад.

Навгониҳое, ки дар низоми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо амалӣ мешавад ба рушду ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст.

Яке аз ин самтҳо ҳалли масъалаи роҳандозии корҳо оид ба ҳамгироии мактабу ҷомеа мебошад. Ҳамгироӣ дар таълим – ин яке аз равияҳои муҳимми ҷустуҷӯи усулу методҳои нави ҳалли барномаҳои педагогӣ мебошад. Он ҳамчун раванд, пеш аз ҳама, дар илмҳои фундаменталии амалӣ ва ба вуқуъ пайваста мегардад. Ин раванд баръакси тафриқаи илмҳо буда, ба рушди ҳаҷму васеъгии донишҳо талаботи навро пеш меорад. Ҳамгироӣ байни фанҳои таълимӣ инкори низоми фаннӣ набуда, балки дарёфти роҳҳои имконпазири вобастагиҳову боҳамалоқамандии фанҳои таълимӣ, яке аз воситаҳои асосии амалисозии ҳамгироии донишҳо, маҳорату малакаҳои илмӣ ва ҳаётиро ифода мекунанд. Дар ин замина, робитаи байнифаннӣ яке аз рукнҳои асосӣ ва зарурии ташаккули донишҳои табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими фанҳои табиӣ-математикӣ мебошад.

Муҳиммияти омодагии хонандагон ба ҳаёт ва истеҳсолот, инкишофи шавқи маърифатӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки мақсади онҳо рушди соҳаи маориф, баландбардории сифати таълиму тарбия мебошад, асоснок карда шудааст.

Дар ин замина метавон хулоса намуд, ки доираи масъалаҳои зикргардида, мубрамияти мавзуи диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродовичро собит месозанд.

1. Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи банди 53 -и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ; ҷаласаи шӯрои олимони факултети педагогикаи МДТ "ДДОТ ба номи академик Садриддин Айнӣ" муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар "Хулосаи МДТ "ДДОТ ба номи академик Садриддин Айнӣ" ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муайян намудани асосҳои назариявӣ, ҷанбаҳои педагогиву психологӣ ва амалии ташаккулёбии донишҳои физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва нақши омӯзгор дар инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фаро мегирад.

3. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбияи мутахассисони оянда дар мактабҳои олӣ, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №21 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 17 номгӯй интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф, аниқтараш 5 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

7. Рисола ба талаботи банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

8. Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзӯи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) дар доираи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантики таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси мазкур мувофиқанд.

9. Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниход менамояд:

1). Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзӯи дар мавзӯи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи **ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)** дар доираи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" барои ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Исломов Озод Азимович-** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ ва геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".
2. **Туронов Султонмурод Шарофович**-номзади илмҳои педагогӣ, ҷонишини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда – **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тавсия карда мешавад.

3). Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4). Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

**Файзиев И.** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.

**Аъзоёни комиссия:**

**Шаропов Ш.** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ

**Азизов А.** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.

15-уми апрели соли 2023

**Имзои раис ва аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ мекунам.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ** — **Н.А. Ҳамробоев**

*Тел.: 93-766-36-00*
*email: knasim@mail.ru.*